**“Тасдиқ мекунам”**
**ректори Донишгоҳи давлатии**
**Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**профессор ____________ Давлатзода С.Х.**
**“____” ______________ соли 2021**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.**

Муҳимияти мавзӯи интихобнамудаи Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб бо он муайян карда мешавад, ки замони муосир ба масъалаи ташаккули талаботҳои комилан навро нисбати таълим, тарбия ва ташаккули насли наврас дар муҳити таҳсилотӣ ба миён овард. Вазифаи тағйирнопазир дар тарбия ва таъмин намудани саломатии равонию ҷисмонии хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилотӣ, махсусан, дар тарбия намудани кӯдакони сину соли ибтидоӣ, тарбия намудани ҳаёти солим, ташаккули фарҳанги солимии маънавию иҷтимоӣ зери таъсири омилҳои мусбии берунӣ ва дохилии муҳити зист ва ҳавасмандгардонии онҳо барои иҷрои талаботҳои тиббӣ ва риояи қоида ва меъёрҳои тозагӣ ташкил медиҳад.

Давраи таҳсил дар мактаби ибтидоӣ дар ташаккул ва таҳкими тандурустии мактаббачагон мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Баъзан бад шудани вазъи тандурустии мактаббачагон, ки дар солҳои охир мушоҳида карда мешавад, таваҷҷуҳи бештар ва андешидани чораҳои мушаххасро барои тақвият ва таҳкими он талаб мекунад.

Бо муаллифи рисола дар он хусус розӣ шудан мумкин, ки дар заминаи дигаргуниҳои манфии вазъияти экологӣ, мушкилоти

Бо муаллифи рисола дар он хусус розӣ шудан мумкин, ки дар заминаи дигаргуниҳои манфии вазъияти экологӣ, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, маҳдудияти донишҳои тиббӣ-профилактикӣ, болоравии теъдоди кӯдакони дорои тандурустии заиф дар муассисаҳои таълимӣ мушкилоти имрӯзаи муассисаҳои таҳсилотӣ ва волидон мебошад. Онҳо барои мутобиқ шудан ба фаъолиятҳои омӯзишӣ, тамаркуз ва анҷом додани вазифаҳои таълимӣ мушкилӣ доранд.

Муаллиф қайд мекунад, ки тандурустӣ ҷузъи муҳимтарини беҳбудии ҳаёти инсон, хушбахтӣ, дастрасӣ ба ҳуқуқҳои асосии инсон, инчунин яке аз шартҳои рушди муваффақонаи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мебошад. Тандурустии аҳолӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, экологӣ, санитарӣ ва гигиении кишварро инъикос мекунад ва ба шиддатнокии пешрафти он таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, тандурустӣ нишондиҳандаи сифати ҳама гуна ҷомеа мебошад. Тандурустии инсон мафҳуми на танҳо биомедикӣ, балки категорияи психологӣ, педагогӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки вобаста ба он мазмуни консепсияи амалишаванда аз доираи истифодаи ин истилоҳ вобаста аст.

Аз ҷониби муҳаққиқ омилҳои тандурустӣ ба таври дақиқ омӯхташуда чунин баррасӣ мегарданд:

1. Омили соматикӣ – механизми траектории рушди инсон аст ва инъикоси вазъи солимии организм мебошад. Он ба барномаи биологии рушди инфиродӣ асос ёфта, бо ниёзҳои аввалия миёнаравӣ карда мешавад.

2. Омили физикӣ ё худ ҷисмонӣ – сатҳи рушд ва инкишофи узвҳо ва низомҳои организмро нишон медиҳад ва он ба захираҳои морфологӣ ва функсионалӣ асос ёфтааст.

3. Омили кулли организм – бо қувваи якхелаи энергия ва моддаҳои зарурӣ таъмин карда намешавад, бинобар ин, шароити

мухталифи вобаста ба норасоии зарурииро дар назар дорад. Чунин шароитҳо бо мафҳуми эҳтиёҷот ифода карда мешаванд.

Муаллиф роҳу усулҳо ва воситаҳои таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули ҳаёти солимро дар мактаби мусир хеле бамаврид баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки реҷаи рӯзи хонандаи мактаб, ки дар он тақсимоти вақт барои фаъолиятҳо (дарс, иҷрои вазифаи хонагӣ, истироҳату фароғат) ҷудо карда шудааст, ҳамчун омили ташаккули тарзи ҳаёти солим муҳим аст.

Дар рисола оварда шудааст, ки реҷаи рӯзи хонандаи мактаб, ки дар он тақсимоти вақт барои фаъолиятҳо (дарс, иҷрои вазифаи хонагӣ, истироҳату фароғат) ҷудо карда шудааст, ҳамчун омили ташаккули тарзи ҳаёти солим муҳим аст. Агар онро ба инобат гирем, ки валеология ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар байни хонандагон вазифаи асосии худ шуморад, пас реҷаи рӯзона метавонад ба як намунаи хуби ҳаётгузаронӣ табдил ёбад, зеро таркиби он ба қонеъгардонии ниёзҳои физиологии организм равона карда шуда, ба набзҳои биологӣ ва иҷтимоии ҳаёти инсон мутобиқ аст.

Бо дараназдардошти гуфтаҳои боло, ошкор ва асоснок намудани шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар рисолаи илмии Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб баррасӣ гардидааст, ниҳоят мубрам аст.

Дар диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи он дуруст муайян карда шуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаи муҳим, ба монанди омӯзиши вазъи муаммои таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ гузошта шудааст.

**Дараҷаи асоснокунии нуктаҳои илмӣ**

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии психологҳо, педагогҳо, файласуфон ва олимони соҳаи тандурустӣ омӯхта шудааст, ки

дар онҳо асосҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳқиқ гардидаанд.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо методологияи илмӣ, низоми методҳо ва методикаҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори МТМУ, коркарди математикии маълумоти эмпирӣ таъмин гардидааст.

Муаллиф дар **боби якум,** таҳти унвони «**Заминаҳои назариявии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**» масъалаҳои вобаста ба заминаҳои назариявии таъмини муҳити тандурустӣ ва тарбияи тарзи ҳаёти солимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро мегирад. Бахши якуми боби якум таҳти унвони «**Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ**» ба шаклгирии тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ба сифати масъалаи педагогӣ бахшида шудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқ тарзи ҳаёти солим – тарзи ҳаёти инсон аст, ки ба нигоҳ доштани тандурустӣ, пешгирии беморӣ ва тақвияти организми инсон нигаронида шудааст. Тандурустии инсон 60% ё бештар аз тарзи ҳаёт (ғизо, парҳез, фаъолияти ҷисмонӣ, сатҳи ҳаяҷону изтироб, одатҳои бад ва рафтори харобкунанда) вобаста аст.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва кори озмоишӣ-санҷишӣ муаллифи рисола чунин хулоса менамояд. Саломатӣ ё худ тандурустии инсон натиҷаи ҳамаҷонибаи омилҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва биологӣ мебошад.

Гумон меравад, ки саҳми таъсироти гуногун ба вазъи тандурустӣ чунин аст: - ирсият-20%; - муҳити зист-20% ва ғайра. Имрӯз масъалаи ҳифзи тандурустии хонандагон дар мактаб хеле мубрам аст. Шиддати донишомӯзии хонандагон вобаста ба зиёдшавии маълумотҳо хеле баланд аст, ки омили заифтар шудани тандурустӣ ва афзоиши мушкилиҳои мухталиф дар ҳолати равонию ҷисмонии хонандагон шуда метавонад.

Аз ин нуқтаи назар асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд ва боварибахш мебошанд. Соҳибрисола дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот буда, нуқтаи назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами асосҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ равона карда шудаанд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррони ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

**Арзиши илмӣ ва эътимоднокии рисола**

Дар рисола дастовардҳои нави илмӣ асоснок карда шудаанд, ки зеринанд:

1. Муайян карда шудааст, ки дар сохтори таъмини муҳити тандурустии хонандагони мактаб омили педагогӣ ҳамчун омили таркибӣ ба ҳисоб меравад, ки моҳияти он дар тарбияи фарзандон ҳавасмандии устувор барои тарзи ҳаёти солим, дарки моҳияти фарҳанги солим ва тарзи ҳаёти солимро ташкил медиҳад.

2. Дақиқ гардидааст, ки муносибати низомнок ба рушди мундариҷа ва тадбирҳо оид ба мустаҳкам намудани тандурустии хонандагон татбиқ карда мешаванд ва онҳо ба шаклгирии донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим мусоидат мекунанд.

3. Шароити ташкилию педагогӣ муайян гардидааст, ки дар заминаи муносибати низомнок имкон медиҳад раванди ташаккули тарзи ҳаёти солим идора карда шавад ва дар як вақт муҳити тандурустӣ ба он таъсир мерасонад.

4. Хусусиятҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонадагони синфҳои ибтидоии МТМУ тадқиқ гашта, имконоти он барои ташаккулёбии сифатҳои шахсиятии бачаҳо дар муҳиту шароити МТМУ асоснок карда шуданд.

5. Шароитҳои педагогӣ ошкор ва ба тариқи таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шуданд, ки барои таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд.

Бояд зикр кунем, ки муҳаққиқ дар анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ заҳмати зиёд кашидааст: адабиёти зиёде, аз он ҷумла осори классикон, таҳқиқотҳои олимони муосири тоҷику хориҷӣ омӯхта шудааст.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.**

Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби диссертант риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии такрори озмоиш дар амалияи таҳсилот таъмин намудаанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.**

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар қисмати адабиёти истифодашуда баъзе сарчашмаҳое ба чашм мерасанд, ки ба мавзӯи диссертатсия мувофиқ нестанд ва истифода нашудаанд.

2. Хуб мешуд, агар дар ҷадвалҳои овардашудаи қисмати таҷрибавии рисола, баробари нишон додани сатҳи дигаргуниҳо, теъдоди донишҷӯён низ инъикос мегардид.

3. Дар рисола хатоҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи камбудиҳои зикршуда барои боз ҳам беҳтар намудани сифати кор мусоидат менамояд.

Қатъи назар, норасоиҳои зикргардида арзишмандии рисоларо кам намекунанд. Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардидааст, ба матни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир

Рисола ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи ташхисгар – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қурбонов Файзали омода карда шудааст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо иштироки диссертант Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 21 нафар устодон иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"- 21 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори №2 аз 15.09.2021 с.).

Раиси машваратии илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Сидиқова З.К.

Котиби машваратии илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Каримова Ш.Р.

Ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Қурбонов Ф.А.

Мудири кафедраи педагогикаи ДДБ ба номи
Носири Хусрав, н.и.п., дотсент Ҳалимов З.

Маълумот барои тамос: 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.+(992)3233-25481. Моб.985081203. E-mail: abdusamad06@mail.ru

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори Шӯъбаи кадрҳои ДДБ ба номи
Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.